Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146, https://www.tajagrun.tj/)

ТАҚРИЗ

ба автореферати Шарифзода Сухроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Вобаста ба тағйирёбии мавқеи иқтисодиёти кишоварзӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат ва мунтазам ташаккул ёфтани модели саноатӣ-аграрӣ дар рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ бо назардошти таъмини заминаҳои иттилоотиву таҳлилӣ нисбатан мубрам гардида истодааст. Истифодабарии маълумотҳои дақиқи иттилоотӣ ва таҳлилии самаранокии истифодабарии захираҳои замин дар иқтисодиёти кишоварзӣ на танҳо асоси рақамикунонии иқтисодиёти кишоварзӣ, баландбардории ҳосилнокиву рентабелнокӣ, нигоҳдори сатҳи экологии захираҳои замини кишоварзӣ мебошад, балки муҳимият ва зарурати саривақтии он дар таъмини оқилона истифодабарии захираҳои замин барои ноил гардидан ба рушди устувор ва заминагунзорӣ ба иқтисоди «сабз» зоҳир мегардад.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсияи Шарифзода Сухроб Каримхон маълум мегардад, ки мавзуи таҳқиқшаванда дар иқтисодиёти кишоварзии мамлакат нисбатан камтаҳқиқшуда буда, муаллиф бо сабку услуби хос ва равиши инфиродӣ ҷанбаҳои назариявию методии таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлонро масъалагузорӣ намудааст. Тавассути методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва мушоҳидавӣ раванди самаранокии истифодабарии захираҳои замини кишоварзии минтақа арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон, аз натиҷаҳои таҳлил роҳҳои бехтаргардонии таъминоти иттилотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзии вилояти Хатлонро дар танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ, такмил додани механизми таъминоти иттилоотӣ ва таъсиси низоми ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ асоснок намуда, нишон додааст.

Аз ҷумла, пешниҳоди муаллиф оид ба роҳ мондани механизми амалкарди дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи

самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳамкориҳии иқтисодии давлат бо бахши хусусӣ нисбатан ҷолибияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар баробари натиҷаҳои илмию назариявӣ ва амалӣ, дар рисолаи диссертатсионӣ саҳвкории назарнорас ва баъе норасогиҳо мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, дар расми 4, саҳифаи 24 автореферати диссертатсия сатҳи нобаробарии нишондиҳандаи истифодаи самараноки майдони кишти зироати хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Хатлон таҳлил шудааст. Аммо, муҳтавои асосӣ ва сабабҳои мавҷуда дар ҳаҷми зарурӣ тавзеҳ нагардидааст. Инчунин, дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки дар маҷмуъ сифати аслии кори таҳқиқотиро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум автореферати диссертатсияи Шарифзода Сухроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, ба талаботи муқарраргардидаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, муаллифи он Шарифзода Сухроб Каримхон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақризидиҳанда:

н.и.и., дотсенти кафедраи
идоракунии давлатӣ ва маҳалии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аҳмадов Р.Р.

Имзои Р.Р. Аҳмадовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға:

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 919 20 20 66
E-mail: arr0609.ru@bk.tj;

«30» 09 соли 2026